# ЛОИҲАИ ҶАДИД ДАР ШАБАКАИ ЯКУМ

## ИСТЕЪДОД дар Тоҷикистон

1. **Муаллиф, масъул ва баранда**: Манучеҳр Ҳамидов
2. **Коргардон**: Афзалшо Баходуров
3. **Ҳадаф**: Ҷалби тамошобинон ба барномаҳои шабакаи якум, дарёфти истеъдодҳои нодир, муаррифӣ намудан ва таблиғоти онҳо ба ҳамагон. Қадр ва эътироф кардани маҳорату истеъдод ва ҳунари азалии мардуми тоҷик. Инчунин, ҷалб кардани дигарон ба кашф намудани истеъдоду ҳунар дар замири худ.
4. **Ҳаҷми барномаҳои лоиҳа**: Мувофиқ ба давраҳои амалишавии лоиҳа.
5. **Макони сабт**: Студияи ТВ, Амфитеатр, Кохи Ҷомӣ ва ғайра.
6. **Ороиши саҳна**: Саҳна, подиум, мизи аъзоёни ҳакамон ва толор барои нишасти тамошобинон.
7. **Иштирокчиёни барнома**: Ҳамаи нафароне, ки дар қаламрави Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд.
8. **Шартҳои иштирок дар лоиҳа**:
   - Синну сол аз 1 то 100 сола.
   - Дорои ҳунару истеъдодҳои зерин будан;

   - Овозхонӣ (сарояндагӣ); санъати ракс (ҳама гуна); қироат (шеър, рубоӣ, ғазал, тарона); тақлидкорӣ (аз сарояндаҳо, актёрҳо, паррандаву ҳайвонот ва ғайра); ҳаҷвнигорӣ; ширинкорӣ; ромишгарии ҳайратовар; эҷодкорӣ; чашмбандӣ (муъҷизакорӣ); акробатика; амалҳои ғайриоддиву экстремалӣ; ромкунии ҳайвонот; ихтироот; қобилият барои иҷрои дигар амалҳои ғайриоддӣ ва ғайра.

9. **Давраҳои лоиҳа;**
   - Оғозшавии лоиҳа; пресс-конференсия
   - Давраи якум – даври интихобӣ (кастинг)
   - Давраи дуюм – нишон додани маҳорату истеъдод
   - Давраи сеюм – баҳогузорӣ
   - Давраи чорум – нимфинал
   - Давраи панҷум – **финал**
   - Ҷоизасупорӣ ва ҷамъбасти лоиҳа.

10. **Бахши Рӯзнома** - тамошобинонро бо шартҳо, нақшаҳо ва маълумотҳои нав ба нави рафти барномаҳо ошно карда, бо нафарони дар лоиҳа саҳмдошта ва иштирокчиёни он сӯҳбат ороста, маълумот медиҳад.

11. **Муҳлати амали лоиҳа**: Тибқи барномаҳои ҳарҳафтаина таҳияшаванда татбиқи лоиҳа зиёда аз ҳафт моҳро дарбар мегирад.

12. **Смс-овоздиҳӣ**: Овоздиҳӣ тавассути смс барои зиёд гардонидани холҳои иштирокчиён ва заминагузорӣ барои ғолибияти онҳо мебошад.

## ОҒОЗШАВИИ ЛОИҲА
## ПРЕСС-КОНФЕРЕНСИЯ

Пеш аз оғоз кардан ба амали намудани лоиҳа **пресс-конференсия бо иштироки таҳиягарон, сарпарастон ва дигар шарикони расмӣ (иттилоотӣ) доир карда мешавад**. Дар пресс-конференсия ҳадаф, мақсад ва шартҳои лоиҳа аз ҷониби муассисон ва ташкилкунандагони лоиҳа ба васоити ахбори омма расонида мешавад ва ба он ҳама суолҳое, ки аз тарафи рузноманигорон пешниҳод мегардад, посуххои аниқу дақиқ дода мешавад.

Эълони барнома (ролик) барои ширкат дар лоиҳа ба муддати зиёда аз 20 руз (шуруъ аз 23 майи соли 2015) пахш гардида, тавассути он ҳадаф, мақсад ва шартҳои лоиҳаи «Истеъдод-дар Тоҷикистон» расонида мешавад.

Дар ин муддат рақамҳое, ки ҳамчун довталаб занг зада буданд, ба қайд гирифта мешаванд, танҳо номи онҳо. Ин ба хотири шаффоф сурат гирифтани барнома мебошад, яъне довталабон худро баъдан дар давраи интихоби (кастинг) дар студия муаррифӣ мекунанд.

# НИЗОМНОМАИ ЛОИҲАИ
## «ИСТЕЪДОД-дар Тоҷикистон»

### ДАВРАИ ЯКУМ – ИНТИХОБӢ (кастинг)

Давраи якум (кастинг) баъди ҷамъбаст гардидани эълон (ролик) оғоз мегардад.

Тавассути бахши рузнома барандаи лоиҳа ба хамаи довталабон ҳадаф, мақсад ва шартҳои лоиҳаро ба таври муфассал мефаҳмонад ва онҳоро танҳо бо шартҳои даври якум шинос мекунад. Яъне, пеш аз барномаи якум дар бораи шартҳои даври якуми лоиҳаи мазкур маълумот дода мешавад.

Баъдан довталабони даври якум бо навбат даъват карда мешаванд.

Даври якум дар студия ҳар ҳафта доир мегардад.

Ҳаҷми 1 барнома дар эфир то 30 дақиқа.

Дар ҳар барнома 10 нафарӣ ширкат мекунанд. Дар даври якум (кастинг) тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқи ширкат ва баромад карданро доранд.

**Рафти барнома дар даври якум**: Баранда барномаро оғоз мекунад. Сипас довталабон бо навбат даъват шуда, худро муаррифи мекунанд. Миёни баранда ва довталабон саволу ҷавоб доир мешавад, ки довталаб бояд посуххои мушаххас гардонад. Сипас дар бораи маҳораташон маълумот дода, ҳунару истеъдодашонро нишон медиханд. Ин давр аз ҷониби **ҳакамони махфӣ** (дар кабинети махсус) назорат карда мешавад. Ҳакамон аз макони махфи назорат карда, дар охир бо рамзхои «сурх» ё «сабз» хулосаашонро мефаҳмонанд. Яъне, пас аз оне, ки довталаб истеъдодашро нишон дода, ба ҳама суолҳои баранда ҷавоб гардонд, баранда ба ҳакамон мурочиат мекунад, то хулосаашонро фахмонанд. Агар чароғи сурх фурузон шавад, ин маънои маглуб шудани довталабро дорад. Лекин агар чароғи сабз фурузон шавад, довталаб комёб шуда, ба даври дуюми лоиҳа роҳхат мегирад.

Гуфтан ба маврид аст, ки **сухани охирин дар роҳбари лоиҳа-баранда аст.** Фақат дар давраи аввал баранда ҳуқуқ дорад ба довталабе, ки ноком шудааст, иҷозати ширкат ба даври дуюмро диҳад. Он нафароне, ки маҳорат нишон дода, ба даври дуюм роҳхат мегиранд, ба онхо варакаи шахси (**анкета**) дода мешавад, то дар он маълумоташонро бо акс сабт кунанд. Лекин нафароне, ки ноком гашта, ба даври дигар роҳ намеёбанд, аз ҳуқуқи иштирок дар рафти лоиҳаи мазкур маҳрум мешаванд.

Пас аз ин давр то давраи чоруми лоиҳа **смс-овоздиҳӣ оғоз мегардад**.

Хулоса, даври якуми лоиҳа бо хамин тарз сурат мегирад.

Бо комёб шудан ва ба даври дуюм роҳхат гирифтани 150 то 177 нафар довталабон даври якум ба охир мерасад. Дар сурати бештар дарёфт намудани истеъдодҳои нодир шумораи иштирокчиён дар мувофиқа бо шахсони масъул зиёд карда мешавад.

Баъди роҳхат додан ба 150 (ё 177) нафар довталабон, ба **15 нафари аз онҳо бонус** дода мешавад.

**БОНУС** – ба монанди «+»-и кор аст. Нафаре, ки сохиби бонус мегардад, комёбии ӯ дар даври минбаъда кафолат дода мешавад. Яъне новобаста аз он, ки иштирокчии бонусдор чи гуна маҳорат нишон медиҳад, уро касе аз ҳуқуқи иштирок дар даври минбаъда маҳрум карда наметавонад.

Дар ин давр масъули бахши рузнома ҳар хафта дар хаҷми 10-15 дақиқа рузнома таҳия намуда, ба эфир пахш мекунад.

Баъди 7 рузи ба охир расидани даври якум бо 150 (177) нафаре, ки ба даври дуюм роххат гирифтаанд, миёни баранда бо онхо дар толори калоне суҳбат доир мегардад. Баранда онҳоро барои комёб шудан дар даври якум табрик намуда, ба онхо шартхои даври дуюми лоихаро мефахмонад.

Дар охир баранда ба ҳама саволҳои иштирокчиён ҷавоб медиҳад.

## ДАВРАИ ДУЮМ
### нишон додани маҳорату истеъдод

Давраи дуюм баъди сипари шудани 10 руз аз ба охир расидани даври якум оғоз мешавад. Ин давр дар толори Амфитеатри боғи Ирам баргузор гашта, дар он инчунин нафарони ғайр хамчун тамошобин ширкат карда метавонанд.

Дар даври дуюм низ 10 нафари иштирок ва ҳунарнамоӣ мекунанд.

Ҳаҷми 1 барнома дар эфир: 35 то 40 дақиқа.

**Рафти барнома дар даври дуюм**: Ин барнома бо номераи консерти (рақс) оғоз мешавад. Сипас баранда ба саҳна баромада дуруд гуфта, хозиринро шодбоши намуда, даври дуюмро кушода эълон менамояд. Баъд аъзоёни ҳакамон (се нафар) даъват шуда, ба бинандагон муаррифи карда мешаванд.

Нихоят баъди муаррифи намудани хакамон, иштирокчиёни барнома бо навбат ба сахна даъват шуда, рубаруи хакамон махорату истеъдодашонро нишон медиханд.

Пеш аз ба сахна баромадан, дар паси пардаи сахна масъули дигаре бо хар як иштирокчи чанд лахза сухбат мекунад. Ҳиссиёташонро пурсон шуда, инчунин маслихат медихад. Баъди аз сахна баромадан низ хамчунин. Доир ба бурд ё бохти иштирокчи бо худи у харф мезанад.

Баъдан миёни ҳакамон ва иштирокчи саволу чавоб доир мешавад. Дар охир бошад бо сухани ҳар яке аз аъзоёни ҳакамон «**ҲА**» ё «**НЕ**» иштирокчиён ба даври сеюм ё роҳ меёбанд ва ё аз он маҳрум мешаванд. Яъне баранда баъди он, ки иштирокчи махораташро нишон дод, ба саволхои пешниходшуда чавоб гардонд, аз хакамон натичаро мепурсад. Натича умумӣ нест, яъне хар яке аз аъзоёни хакамон дар хулосабарори мустакил буда, танхо фикри худашро баён мекунад ва ягон кас ба дахолат кардан ҳуқуқ надорад. Дар ин давр ва даврхои минбаъда роҳбари лоиҳа – баранда ё каси дигар ҳуқуқ надорад, ки бархилофи хулосаи ҳакамон барояд, ё онро иваз кунад.

Дар даври дуюм ба **10 нафаре**, ки назар ба дигарон беҳтар баромад мекунанд, **бонус** дода мешавад.

Тарзу усули баргузоршавии даври дуюм хамин гуна сурат мегирад ва дар ин давр хамон нафароне комёб донвиста мешаванд, ки ҳадди ақал аз се, ду розигии «**ҲА**»-и ҳакамонро ба даст оварда бошанд.

Нафароне, ки хакамон барояшон иҷозати ширкат дар даври сеюмро намедиханд, ё аз се ду норозиги «**НЕ**» нисбаташон аст, дар ин давр мағлуб гашта, лоиҳаро тарк мекунанд.

Нафароне, ки мағлуб мегарданд смс-овоздиҳӣ нисбаташон қатъ мегардад ва овозҳои ба даст овардаашон низ бекор мешаванд.

Дар даври дуюм низ бахши рузнома хар ҳафта дар ҳачми то 15 дакика тахия шуда, руи эфир пахш мегардад.

Баъди пурра ба итмом расидани даври дуюми лоиха, пас аз 7 руз дар толори калоне боз сухбати навбатии баранда бо иштирокчиён доир мешавад.

Баранда аввал хамаи он нафароне, ки дар даври дуюм комёб шудаанд табрик намуда, сипас шартҳои даври сеюми лоиҳаро ба онхо мефаҳмонад. Дар сурати ба миён омадани ягон нофаҳмӣ ё суол аз тарафи иштирокчиён баранда ба он ҷавоб медиҳад.

## ДАВРАИ СЕЮМ - баҳогузорӣ

Давраи сеюм баъди сипари шудани 10 руз аз ба охир расидани даври дуюм оғоз мешавад. Ин давр дар толори Кохи Ҷомӣ баргузор гашта, ҳамон нафароне, ки дар даври дуюм комёб шудаанд, махораташонро нишон медиҳанд. Дар толор тамошобинон ва мухлисон ҳам ширкат карда метавонанд.

Ҳаҷми 1 барнома дар эфир 35-40 дақиқа.

Ороиши саҳна (декорация) тағйир дода мешавад.

**Рафти барнома дар даври дуюм**: Шарти даври сеюм ба даври дуюм шабоҳат дорад.

Ин барнома низ бо номераи фароғатӣ оғоз мешавад. Баранда ба сахна баромада, хозиринро шодбоши намуда, даври сеюмро кушода эълон менамояд. Аъзоёни ҳакамон дар толор қарор доранд. Сипас бо даъвати баранда иштирокчиён ба саҳна баромада, рубаруи ҳакамон истеъдодашонро нишон медиҳанд.

Иштирокчиён дар ҳар даври барнома бояд бо як навигарии тоза баромад намоянд, то диққати ҳакамонро ба худ ҷалб намоянд.

Пеш ва баъд аз ба саҳна баромадани иштирокчиён, дар паси пардаи саҳна барандаи паси парда бо ҳар як иштирокчӣ то 1 дақиқа суҳбат мекунад.

Боз ҳам миёни ҳакамон ва иштирокчи саволу чавоб доир мешавад. Дар охир бошад ҳакамон **баҳогузорӣ (аз 1 то 10)** мекунанд. Яъне баранда баъди он, ки иштирокчи махораташро нишон дод, ба саволхои пешниходшуда чавоб гардонд, аз хакамон натичаро мепурсад ва баъд хар яке аз аъзоёни хакамон ба иштирокчи бахогузори мекунанд. Ҳамон нафароне, ки **зиёда аз 20 хол (бал)** ба даст меоранд, ба даври чорум роҳхат мегиранд. Аммо нафароне, ки аз 20 поён хол мегиранд, мағлуб дониста мешаванд.

Дар даври дуюм ба **7 нафаре**, ки назар ба дигарон беҳтар баромад мекунанд, **бонус** дода мешавад.

Тарзу усули баргузоршавии даври сеюм аз оғоз то ба анҷом бо ҳамин тарз сурат мегирад ва дар ин давр хамон нафароне комёб донистa мешаванд, ки зиёда аз 20 холро ба даст оварда бошанд.

Дар ин давр низ нафароне, ки мағлуб мегарданд смс-овоздиҳӣ нисбаташон қатъ мегардад ва овозҳои ба даст овардаашон низ бекор мегарданд.

Дар давраи сеюми лоиҳаи мазкур бахши рузнома ҳафтае як маротиба дар ҳаҷми 20 дақиқагӣ таҳия мешавад;

- натиҷаи ҳакамон
- суҳбат бо комёбшудагон
- маълумоти умумӣ

Баъди пурра ба итмом расидани даври сеюми лоиҳа, пас аз 5 руз дар толори Китобхонаи милли сухбати навбатии баранда бо иштирокчиён доир мешавад.

Баранда аввал хамаи он нафароне, ки дар даври сеюм комёб шудаанд табрик намуда, сипас шартхои даври чоруми лоихаро ба онхо мефахмонад. Дар сурати ба миён омадани ягон нофахми ё суол аз тарафи иштирокчиён баранда ба он ҷавоб медиҳад.

**ДАВРАИ ЧОРУМ – нимфинал**

Давраи чоруми лоиҳаи «Истеъдод – дар Тоҷикистон» баъди сипари шудани 10 руз аз ба охир расидани даври сеюм оғоз мешавад. Ин давр хам дар толори Кохи Ҷомӣ  ва ё дигар толори бузург баргузор гашта, дар он хамон нафароне, ки дар даври сеюм зиёда аз 20 холро ба даст овардаанд иштирок мекунанд. Дар толор тамошобинон ҳам ширкат карда метавонанд.

Дар ин давр ороиши саҳна (декорация) каме дигаргун карда мешавад.

Даври чорум низ ҳар ҳафта доир мегардад.

Ҳачми 1 барнома дар эфир  35-40 дақиқагӣ.

**Рафти барнома дар даври чорум**: Баранда ба саҳна баромада, дуруд гуфта, даври чорумро кушода эълон мекунад ва шарти онро бори дигар ба хамагон хотиррасон менамояд. Сипас номераи консертӣ.

Баъд аз он, бо даъвати баранда иштирокчиён ба сахна баромада, ҳунару истеъдодашонро  бояд ба таври хубтару беҳтар нишон диҳанд.

Албатта дар ҳолати ба миён омадани саволҳо, байни ҳакамон ва иштирокчиён саволу ҷавоб доир мегардад. Аъзоёни ҳакамон дар ин давр танҳо назорат намуда, суол медиҳанд. Аммо ин давр **натиҷа махфӣ** мемонад.

Натиҷаи даври чорум танҳо 3 руз пас аз ба пуррагӣ хотима ёфтани даври чорум муайян карда шуда, дар толори Китобхонаи миллӣ ба ҳамаи иштирокчиёни даври чорум расонида мешавад.

Бо ҳамин тарз сурат мегирад даври чорум. Яъне хамаи иштирокчиён ҳунарнамоӣ мекунанд, **вале натиҷа махфӣ мемонад**.

Дар ҷамъбасти даври чорум бояд танҳо 30 нафар ба **даври финалӣ** роҳхат гиранд.

**Ҷамъбасти давраи чорум дар толори Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

Баъди се руз аз ба охир расидани барномаҳои даври чорум, ҳамаи иштирокчиёни даври чорум ҷамъ мешаванд. Баъдан баранда омада, бо ҳамаи онҳо салом намуда, аввал каме суҳбати озоду ошкоро доир карда мешавад.

Сипас баранда номи чанде аз иштирокчиёнро қироат мекунад, ки онҳо бояд ба саҳна бароянд. Баъди баромадани нафари охирин ба хамаи онхо туҳфаҳои хотиравӣ

тақдим карда мешавад, чунки ин рузи охирини иштироки онхо дар ин лоиҳа мебошад. Онхо нафаронеанд, ки лоиҳаро тарк мекунанд.

Нисбати нафарони мағлубшуда смс-овоздиҳӣ қатъ мегардад. Аммо иштирокчиёни мағлубшуда **як ҳуқуқ доранд**: онҳо метавонанд овозҳои дар тулли давраҳои пешини лоиҳа ба даст овардаашонро ба дилхоҳ иштирокчии комёбгардида тӯҳфа кунанд. Дар акси ҳол овозҳояшон бекор карда мешаванд.

Баъд аз гусел намудани мағлубшудагон байни баранда ва 30 нафар иштирокчии комёб суҳбат идома меёбад. Баранда шарти даври финалиро ба онҳо фаҳмонда, огоҳ мекунад, ки дар ин давр ҷиддитар бошанд, зеро даври панҷум мураккабтар мебошад. Боқӣ, суҳбат мисли суҳбатҳои қаблӣ.

**Дар охир баранда 25 рузи минбаъдаро танаффус эълон мекунад.**

Дар даври чорум низ бахши рӯзнома мисли даври сеюм ҳафтае 1 бор таҳия мешавад;

- натиҷаи ҳакамон
- суҳбат бо комёбшудагон
- маълумоти умумӣ

Дар давоми 15 руз баранда гоҳ-гоҳ ба макони зисти 30 нафари комёбшуда меҳмон шуда, 5 дақиқагӣ суҳбат мероояд.

Ин суҳбатҳо ҳафтае ду-се маротиба дар ҳаҷми 15-20 дақиқагӣ рӯи эфир пахш мегарданд.

## ДАВРАИ ПАНҶУМ – ФИНАЛ

Давраи панҷум, давраи охирини лоиҳа, яъне даври финалӣ мебошад. Финал баъди сипари шудани 25 рузи истироҳатӣ бо таври махсус ва фарққунанда аз дигар даврҳо баргузор мешавад. Финал ҳам дар толори Кохи Ҷомӣ ё толори бузурги дигар баргузор гашта, дар он меҳмонони олиқадр ва дигарон ҳамчун тамошобин ширкат карда метавонанд.

Дар даври панҷум ҳамаи 30 нафар финалистон иштирок мекунанд.

Ҳаҷми барнома дар эфир ------- дақиқа.

**Рафти барнома дар даври финалӣ**: Барнома бо номераи консертӣ оғоз мешавад. Баранда ба саҳна баромада салом гуфта, хамаи хозиринро шодбоши намуда, даври финалиро кушода эълон менамояд. Баъд ҳамаи аъзоёни ҳакамон даъват шуда, бори дигар муаррифӣ карда мешаванд.

Пас он оғоз мешавад ҳунарнамоии финалистон.

Бо даъвати баранда ҳар яке аз иштирокчиён ба саҳна баромада, ҳунару истеъдодашонро бо диди нав ба кулли тамошобинон ва ҳакамон нишон медиҳанд. Миёни ҳамаи ҳакамон бо финалистон суолу ҷавоб низ доир мешавад.

Баъди ҳунарнамоӣ ва суолу ҷавоб хар як финалист аз ҷониби ҳакамон баҳогузорӣ карда мешаванд. **Баҳогузорӣ аз 10 то 25.**

Дар финал баъди ҳунарнамоӣ намудани ҳамаи финалистон, дар охир холҳои ба даст овардаи ҳар як иштирокчӣ (бо ҷамъи овозҳои тавассути смс-овоздиҳӣ ба даст овардашуда) шуморида шуда, 7 нафаре, ки холҳои баландтар гирифтаанд, ба зинаи болоӣ ҷудо карда шуда, ғолибони даври финалӣ дониста мешаванд.

Аммо ном ва маълумоти ҳамаи финалистон (30 нафар) дар китоби **«Истеъдод – дар Тоҷикистон»** ба қайд гирифта шуда, онҳо дар ин китоб сабт гардида, ба онҳо унвонҳои «***Истеъдоди нодир***» ва «***Соҳибистеъдод***» дода мешавад.

Баъди оне, ки хамаи финалистон хунарнамои карданд, номераи консерти мешавад. Дар ин вакт холҳои финалистон шуморида шуда, ғолибони даври финал

муайян карда мешаванд. Сипас бо даъвати баранда хамаи финалистон боз ба сахна мебароянд ва хамаи чароғҳо хомуш шуда, танхо монитори калони сахна фурузон мешавад, ки дар он номи финалистон бо холҳои ба даст овардаашон навишта шудаанд. Ҳамин гуна натиҷаи даври финали ба ҳамагон расонида мешавад.

Пас он **хушхабари китоби «ИСТЕЪДОД – дар Тоҷикистон»** аз ҷониби меҳмони олимақом ба ҳамаи финалистон расонида шуда, кайд карда мешавад, ки дар он номи ҳар як финалист бо тарҷумаи ҳолаш сабт мегардад.

Дар охир аз тарафи роҳбари лоиҳа – баранда рузи баргузории маросими ҷоизасупорӣ ва тарзи барпошавии он зикр шуда, баъдан бо номераи консертӣ даври финалӣ ҳам ба охир расонида мешавад.

Дар давраи мазкур бахши рузнома танҳо як ҳафтаи дигар дар бораи лоиҳаи «Истеъдод – дар Тоҷикистон» аз оғоз то ба анҷом, оид ба бурду бохти иштирокчиёни барнома дар ҳаҷми 15-20 дақиқагӣ таҳия намуда, чанд муддат пахш мешавад.

Масъули бахш бо ҳар як финалист, бо ҳакамон, муассисон, таҳиягарон, намояндагони сарпарастон ва дигарон суҳбат меорояд. Оид ба бурду бохт дар лоиҳаи мазкур маълумот омода менамояд ва ғайра.

**Баъди ба итмом расидани давраи панҷум – финал, муддати 1 моҳ, то маросими ҷоизасупорӣ ва ҷамъбасти лоиҳа танаффус эълон карда мешавад.**

То рузи баргузории маросими ҷоизасупорӣ (консерт) худи баранда ҳафтае як маротиба дар ҳаҷми то 20 дақиқа барнома таҳия ва пахш мекунад. Бахши рузномавии лоиҳа ҷамъбаст мешавад.

## МАРОСИМИ ҶОИЗАСУПОРӢ ВА ҶАМЪБАСТИ ЛОИҲА

Маросими ҷоизасупорӣ ва ҷамъбасти лоиҳа ба таври махсус ва бисёр ҳам тантанавӣ дар яке аз толорҳои бошукуҳи пойтахт баргузор мегардад.

Дар маросими ҷоизасупорӣ **Китоби «Истеъдод – дар Тоҷикистон»** ба саҳна тантанавор баровaрда шуда, сахифаҳои он варақгардон карда шуда, номи нафароне, ки дар он сабт шудаанд қироат мешавад ва нусхае аз он ба Осорхонаи миллӣ супорида мешавад.

Вақти мукофотонидан меҳмонони олиқадр дар аввал ибрози сухан намуда, фикру ақидаашонро нисбат ба лоиҳаи мазкур мегуянд. Пас он лифофаро кушода, номи финалистро хонда, ӯро бо ҷоизаи «**Истеъдоди нодир**», дипломи барнома, тухфаҳои хотиравӣ ва мукофоти пулӣ (премья) сарфароз мекунанд. Бо ҳамин тарз ҳамаи ғолибон ва дигар финалистон мукофотонида мешаванд.

Финалистони дигаре, ки холҳои пасттарро ба даст овардаанд, бо ҷоизаи «**Соҳибистеъдод**», дипломи барнома, тухфаҳои хотиравӣ ва мукофоти пулӣ (премья)-и 50 % сарфароз гардонида мешаванд.

Бо ҳамин лоиҳаи «Истеъдод – дар Тоҷикистон» ҷамъбаст карда мешавад.

**Роҳбари лоиҳа: ҲАМИДОВ М.**

**e-mail: talant.tv@mail.ru**

Тел: 93 442 45 43